**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 34тоҷик(575.3)+343+343.977+347**
**ТКБ: 67.99(2тоҷик)93+67.99(2)94+67.52**
**Ҳ – 12**

**ҲАБИБЗОДА НАЗИРА ХАЛИЛ**

# ТАФТИШИ БА ХУДКУШӢ РАСОНДАН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи криминалистика ва экспертизаҳои судии Академияи ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Узбекистон;

**Салимов Баҳромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия санаи 11 декабри соли 2025, соати $14^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов – 3) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.avkd.tj ва Китобхонаи марказии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов – 3 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Сафарзода Ҳ.С.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Масъалаи худкушӣ ҳамеша таваҷҷуҳи ҷомеашиносон, равоншиносон ва ҳуқуқшиносонро дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба худ ҷалб намудааст. Даҳсолаи охир омӯзишу баррасии ин масъала ба таври назаррас афзудааст, ки ин омил ба зиёдшавии шумораи амалҳои худкушӣ ва кӯшишҳои худкушӣ кардан вобастагӣ дорад. Худкуширо одамони синну сол, ҷинс, касбу кор, сатҳи маълумот ва фарҳангашон гуногун содир мекунанд. Метавон гуфт, ки худкушӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир маҳсуб ёфта, дар миёни сабабҳои фавти аҳолии қобили меҳнат ҷойи намоёнро касб менамояд. Бо дарназардошти тамоюли афзоиш худкушиҳо на танҳо вазъи иқтисодии кишвар, минтақа ё шаҳрро мураккаб мегардонанд, балки ба пояҳои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа метавонанд таъсири манфӣ расонад.

Амалҳои худкушӣ ва кӯшиш ба он, ки аз падидаҳои хеле манфӣ мебошанд, аз ҷониби аҳли ҷомеа ҳамеша маҳкум мегардад, ин гуфтаҳо пояи илмӣ дошта, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, дигар санадҳои байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи зиндагиро ба монанди дигар ҳуқуқҳои асосии инсон ҳифз менамояд.

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки дар аксари динҳои асосии ҷаҳон худро аз ҳаёт маҳрум сохтани инсон амали ниҳоят манфӣ ва барои шахси эътиқодманд ғайри қобили қабул арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, шароити гуногун метавонад боиси ба худкушӣ майл пайдо кардани инсон гардад ва ё аз ҷониби дигарон шахс ба он водор ё таҳрик карда шавад.

Ба иттилои коршиносон соли 2020 шумораи худкушиҳо ба 1,53 миллион нафар расидааст, ки ин ба як ҳодисаи худкушӣ дар ҳар 20 сония ё як кӯшиши худкушӣ дар ҳар 1-2 сония баробар аст. Дар гузашта амали худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба калонсолон хеле камтар рух медод. Солҳои охир дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон сатҳи худкушӣ миёни ҷавонон нисбат ба калонсолон афзун гардидааст. Масалан, то соли 1950 56% ҳодисаҳои худкушӣ дар

ҷаҳон ба шахсони аз 45-сола боло рост меомад ва 44% ба нафарони синнашон аз 15 то 44-сола. То соли 1995 ҳиссаи худкушӣ миёни шахсони 45-сола ва калонтар аз он то 47% коҳиш ёфта, миёни нафарони синнашон аз 15 то 44-сола то 53% афзудааст. Тибқи омори ҷаҳонӣ сатҳи баландтарини худкушӣ дар синни то 25-солагӣ мушоҳида мешавад [27].

Дар Тоҷикистон мувофиқи таҳқиқоти охирини (СУТ, 2001), таносуби занону мардоне, ки худкушӣ кардаанд 1,3:1-ро ташкил медиҳад. Ба иттилои СУТ сатҳи худкушӣ дар Тоҷикистон дар тамоми гурӯҳҳои синнусолӣ 2,6 ҳодиса ба 100 ҳазор нафар рост меояд, вале дар байни ҷавонони аз 15 то 24-сола ин нишондод 3,3 ададро дар миёни 100 ҳазор нафар ташкил медиҳад. Илова бар ин, тибқи гузориши кишвар барои Тоҷикистон (2007), ки дар доираи таҳқиқоти умумиҷаҳонии саломатии мактабҳо тартиб дода шудааст, 20,0% кӯдакон ва наврасон аз бемориҳои руҳӣ, ки боиси аз даст додани қобилияти корӣ, аз ҷумла вайрон гардидани ҳолатҳои руҳӣ, равонӣ ва дигар изтиробҳо азият мекашанд. Аз ин гузориш бармеояд, ки дар пурсиши як соли пеш гузаронидашуда 12,6% мактаббачагон оиди худкушӣ ҷиддӣ фикр намудаанд ва 12,0% ҳатто нақшаи чӣ гуна анҷом додани ин корро таҳия намудаанд [27].

Бо дарназардошти ин маълумоти оморӣ ва таҳлилҳои овардашуда метавон хулосагирӣ кард, ки масъалаи худкушӣ барои тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла Тоҷикистон, аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, бо мақсади сабабҳои асосии даст задан ба амали худкуширо ошкор намудан, маҳз муаллиф ба таҳқиқи ин масъала рӯй оварда, тавсияҳои мушаххасро барои пешгирии он таҳия сохтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масъалаҳои марбут ба худкушӣ аз ҷиҳати назария ва амалия давоми чандин сол аст, ки диққати муҳаққиқон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба худ ҷалб кардааст. Масъалаҳои муқовимат бо худкушӣ ба таври умумӣ дар асарҳои илмии ҳуқуқшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди Т.В. Аверянова [1], А.Г. Амбрумова ва В.А. Тихоненко

[13], Е.В. Баранов ва Ю.Г. Торбин [2], Е.В. Бачило, Ю.Б. Барилник ва А.А. Антонова [14], Г. Белоглазов [26], С.В. Бородин [3], В.С. Бурданова [4], Э. Дюркгейм [6], С.В. Мошкин [15], Г.Н. Мудъюгин [10], Н.А. Сафонова [25], Е.А. Соломатина, А.В. Трошанович ва Л.И. Черкасова [11], А.А. Топорков [12] таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи масоили марбут ба баррасии тафтиши худкушӣ (амалҳои тафтишӣ, гузаронидани экспертизаҳои судӣ ва ғайра) аз тарафи муҳаққиқон А.Н. Василев ва Л.М. Карнеева [5], О.В. Меремянова [24], Ю.А. Молин [9], В.В. Остробородов [19], В.А. Свешников ва Ю.С. Исаев [18], Тс.Тс. Чжу [20], В.Э. Шунк ва Е.В. Гундерина [20] мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Баъзе масоили тафтиши ҷиноятҳо аз тарафи олимони ватанӣ дар шакли таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ва монографӣ, ҳамчунин зимни корҳои илмию таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, бахусус дар ин самт корҳои илмии муҳаққиқон М.С. Аҳмадзода [22], Ф.И. Ғаниев [23], Д.С. Қодирзода [8], А.Қ. Назаров [16], З.Д. Ямоқова [21] ва дигарон назаррас мебошад.

Дар доираи ин таҳқиқотҳо олимон ҷанбаҳои гуногуни ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Дар диссертатсияи мавриди назар масоили марбут ба худкушӣ дар доираи таҳқиқоти мукаммал баррасӣ шудааст. Мавзуи худкушӣ фарогири масъалаҳои баҳсталаб буда, асоснокии илмӣ ва далелҳои дақиқро талаб менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пешгирии худкушӣ ва суиқасд ба ҷони худ», «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори илмӣ таҳияи асосҳои назариявии усули тафтиши ба худкушӣ расондан ва мазмуну мундариҷаи он мебошад. Дар доираи ин усулҳо, дар асоси таҳлили

ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунанда ва амалияи тафтишотӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расонданро дар заминаи амсилаи (намунаи) стандартии тафтиши ҷиноят ба таври мукаммал пешниҳод намояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқот заррурати ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– пешниҳод намудани тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан;

– асоснок намудани таҳлили криминалистикии одамкушии ба худкушӣ вонамудкардашуда;

– таҳқиқи тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ;

– баррасии хусусиятҳои пурсиш дар раванди тафтишоти худкушӣ;

– коркард ва пешниҳод намудани усули истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтишоти ба худкушӣ расондан;

– омӯзиши тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар мавриди тафтишоти худкушӣ.

Ҳалли ин масъалаҳо такмил ёфтани як қатор усул ва тактикаҳоеро, ки ҳангоми тафтиши ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан татбиқ мешаванд, пешбинӣ менамояд.

**Объекти таҳқиқот** – маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми содир намудани ба худкушӣ расондан ва тафтишоти онҳо ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** қонуниятҳои фаъолияти муфаттишон (тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ) ҳангоми тафтишоти ҳодисаи ба худкушӣ расондан мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқот дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Давраи таҳқиқот солҳои 2019-2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин,

маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ оид ба масъалаҳои мубрами криминалистикии ба мавзуи таҳқиқшаванда вобастабуда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумлаи А.Г. Амбрумова, А.А. Антонова, М.С. Аҳмадзода, Е.В. Баранов, Ю.Б. Барилник, Е.В. Бачило, Г. Белоглазов, С.В. Бородин, В.С. Бурданова, А.Н. Василев, Е.В. Гундерина, Ф.И. Ғаниев, Э. Дюркгейм, Ю.С. Исаев, Л.М. Карнеева, Д.С. Қодирзода, О.В. Меремянова, Ю.А. Молин, С.В. Мошкин, Г.Н. Мудъюгин, А.Қ. Назаров, В.В. Остробородов, Н.А. Сафонова, В.А. Свешников, Е.А. Соломатин, В.А. Тихоненко, А.А. Топорков, Ю.Г. Торбин, А.В. Трошанович, Л.И. Черкасова, Тс.Тс. Чжу, В.Э. Шунк, З.Д. Ямоқова ва дигарон ташкил медиҳанд.

Ин пажуҳишҳо асоси назариявии диссертатсияи мазкур ба ҳисоб рафта, дар онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи тафтиши худкушӣ қисман баррасӣ шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ба сифати асоси методологии таҳқиқот муқаррароти умумии илми фалсафа, назарияҳои дониш ва тафаккур, қонуниятҳо ва категорияҳои диалектика, мантиқ ва ҷомеашиносӣ пазируфта мешаванд. Дар диссертатсия аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии шинохти воқеияти объективӣ, ки дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ санҷида шудаанд, истифода бурда шудаанд.

Усули муқоисавии ҳуқуқӣ барои асоснок кардани мақсадҳои криминалистикии истифодаи муқаррароти методологияи тафтишот ҳангоми таҳияи асосҳои назариявии методологияи пешниҳодшудаи тавсифи криминалистикии тафтишоти худкушӣ истифода шудааст. Истифодаи усули мантиқӣ ва дарк ба таҳияи мундариҷаи назариявии мафҳумҳои илмии мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат намуд. Дар асоси усули оморӣ маводи таҷрибавӣ ҷамъоварӣ, таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд. Усули таҳлил ва синтез имкон дод, ки таснифоти гуногун таҳия карда шавад. Усули сотсиологӣ барои гузаронидани таҳқиқоти субъектҳои тафтишотӣ истифода гардида ва усули моделсозӣ бошад, барои ташаккули моделҳои ретроспективӣ ва перспективии механизми ҷиноят ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид

ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои ба худкушӣ алоқаманд истифода гардидааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳодисаҳои ба худкушӣ расондан, аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёда аз 100 парванда аз бойгонии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуд, инчунин, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба худкушӣ расондан ҳамчун як зуҳуроти ҷиноятӣ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои илмӣ-амалии марбут ба тафтиши ҳолатҳои худкушӣ, ки дар сатҳи монографӣ ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти марбут ба тафтишоти пешакӣ анҷом ёфтааст, ифода гардидаанд. Дар диссертатсия бори нахуст тавсияҳои криминалистикии муаллиф барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод мегарданд, ки онҳоро дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои мувофиқ ва ҳолатҳои худкушӣ метавон истифода бурд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои диссертатсияро ифода мекунанд:

1. Аломатҳои тавсифи криминалистикии худкуширо чунин метавон тавсиф кард: 1) тарзи содир шудани ҳолати (далели) ҳодисаи худкушӣ; 2) маҳал ва ҳолати содиршавии ҳодиса; 3) вақти содир шудани ҳодисаи худкушӣ; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида); 5) шахсияти таъсиррасон (таъсири беруна); 6) нишонаҳои (осорҳои) ҳодисаи худкушӣ.

Бо дарназардошти ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини психотипҳои худкушӣ муайян карда шудаанд: 1) психотипи истероидӣ (намоишкорона) – шахсони дорои ин навъи психотип майли зиёд ба худпарастӣ (нарсиссизм) дошта, пайваста дар назди дигарон талош меварзанд, ки арзишмандии худро

нишон диҳанд; 2) психотипи эпилептоидӣ – одамони ин гурӯҳ гӯё дорои хусусиятҳои манфии хос буда, он ба таври ногаҳон «ба берун баромада», дар натиҷа шахс ба рафтори зиддиҷамъиятӣ шуруъ менамояд; 3) психотипи параноидӣ – ин тоифаи одамонест, ки дар натиҷаи нокомии орзуҳои худ, метавонанд бо истифода аз усулҳои гуногун даст ба худкушӣ зананд. Метавон гуфт, ки одамони психотипи мазкур тамоми умри худро ба амалӣ намудани ягон орзую ақида бахшида, дар сурати ноком гардидан, чунин ҳолат онҳоро байни маргу зиндагӣ қарор медиҳад. Аксар вақт чунин шахсон бо вуҷуди он ки ба худкушӣ майл доранд, дар фарқият аз худкушии эгоистӣ (худпарастона) онро то охир амалӣ намекунанд. Худкушии эгоистӣ (худпарастона), одатан бо эҳсосоти шадиди ҷисмонӣ ва маънавӣ дар якҷоягӣ ба миён меояд. Чунин худкушӣ зери таъсири эҳсосоти қавӣ амалӣ гардида, азми қатъиро тақозо менамояд. Дар чунин ҳолат, одатан муҳаққиқон иброз медоранд, ки ба шахсони психотипи мазкур бемории заъфи асаб, аксуламали эҳсосотии дарднок хос мебошад.

2. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ва омӯзиши маълумотҳои амалияи тафтишӣ аломатҳои мушаххаси таъсиргузор ба содиршавии худкушӣ муайян карда шуд, ки ба таври зайл метавон онҳоро тавсиф намуд:

– фишори шифоҳӣ: таҳдид, таҳқир, манипулятсия, тарсондан;

– фишори равонӣ: муносибати бераҳмона, таҳқир, саркӯбии ирода ва мустақилият;

– муносибатҳои вобастагӣ, ки дар зери таъсири бартарии молиявӣ ё эҳсосӣ ташаккул ёфтаанд;

– поймол кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, яъне таҳдид ба фош кардани маълумоти шахсӣ, ки ба боиси шармандагӣ ва ё гунаҳкории шахс мегардад.

3. Дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи ба худкушӣ расондан, бояд ҳамаи ҷанбаҳои амалӣ ва равонии (психологии) таъсиргузории айбдоршавандаро ба ҷабрдида дар назар гирифта шаванд, ки ин таҳлили дақиқи хусусият ва шиддати шиканҷа ва муносибати бераҳмонаро муайян мекунад. Барои

беҳтар кардани тактикаи пешбурди амалҳои тафтишӣ дар рафти гузаронидани амалҳои тафтишӣ унсурҳои равонии он бояд муайян карда шаванд. Такмил додани ҳамкории байни мақомоти тафтишӣ ва коршиносони равоншинос дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аҳаммияти муҳим дорад, ки бо ёрии онҳо усулҳои тактикии амалҳои тафтишӣ дуруст муайян карда мешаванд.

Ҷанбаҳои техникиву равонии тафтишот тақозо менамоянд, ки барои такмил бахшидани тактикаи амалиёти тафтишотӣ муносибатҳои маҷмуӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд: таҳия ва татбиқи тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба баррасии амалҳои худкушӣ, ки хусусиятҳои ин категорияи ҳолатҳоро ба инобат мегиранд. Ин ҷо дастурамали дақиқ оид ба сабти изҳо, муайян кардани сабабҳои марг ва аломатҳои эҳтимолии зӯроварӣ дар назар дошта мешавад.

Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ на танҳо изҳои ҷисмонӣ, балки ҳолати равонӣ ва эмотсионалии атрофиён низ бояд ба инобат гирифта шаванд.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $208^1$ бо мазмуни зерин ворид карда шавад:

Моддаи $208^1$

1. Барои муайян намудани ҳолатҳое, ки ба ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ марбутанд, муфаттиш бояд пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин намудани экспертизаро амалӣ намояд.

2. Асос барои таъин намудани чунин экспертиза зарурати дарёфти маълумоти пешакӣ ё далелҳое мебошанд, ки барои оғози парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим доранд.

3. Таъин кардани экспертиза пеш аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дар асоси дархости муфаттиш ё дигар мақомоти ваколатдор амалӣ мегардад.

4. Натиҷаҳои экспертиза дар хулоса инъикос меёбанд, ки бар асоси он қарор дар бораи оғози (ё оғоз накардани) парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад. Хулосаи экспертиза метавонад дар ҷараёни тафтишот ва дар суд истифода гардад.

5. Агар натиҷаҳои экспертиза аломатҳои ҷиноятро нишон диҳанд, ин асос барои қабули қарор оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба тафтиши ҳодисаҳои худкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ, ба монанди «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», инчунин, дар мавриди гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва дарсҳои амалӣ ба таври фаровон метавон истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар заминаи маҷмуи маълумоти дорои хусусиятҳои амалие, ки муаллиф ҳангоми таҳияи рисола ҷамъоварӣ кардааст, муайян карда мешавад: маълумоти аз бойгонии судҳои шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон дар бораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи худкушӣ ва ҷиноятҳои ба худкушӣ расондан, инчунин, истифодаи усулҳои қаблан дар таҳқиқоти илмӣ барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумот оид ба намуди муайяни ҳодисаҳои худкушӣ ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкор ва тафтиши чунин ҳолатҳо; далелҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, ки дар асоси онҳо хулосаҳои ниҳоӣ баровара шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар омӯзишу таҳлили масъалаҳои гузошташуда, асосноккунии илмии хулосаҳо ва таҳияи нуқтаҳои муҳимми марбут ба навгониҳои таҳқиқот, ки

ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳое, ки дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, тасдиқи худро меёбанд. Тавсияҳои амалие, ки аз ҷониби муаллиф ҷиҳати беҳтар гардондани раванди тафтишот оид ба парвандаҳои марбут ба худкушӣ ва расондан ба худкушӣ пешниҳод шудаанд, аҳаммияти хосса доранд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллифи диссертатсия хусусиятҳои криминалистикии худкуширо муфассал тавсиф намуда, хусусиятҳо ва дараҷаи хавфи иҷтимоии ин ҷиноятҳоро дар шароити муосир бозгӯӣ кардааст, инчунин мушкилоти мавҷударо дар ин навъи тафтишот ба таври возеҳ нишон додааст. Ҳамзамон, муаллиф як қатор тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва беҳтарсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба раванди тафтишоти ҷиноятҳо дахл доранд, пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (амалӣ)-и устодон (ҳайати профессорону устодон) ва кормандони ДМТ (солҳои 2017-2024), инчунин, хулосаву пешниҳодҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза ироа гардидаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Понятие самоубийства» (Душанбе, 9 декабри соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо» – маърӯза дар мавзуи «Хусусиятҳои хоси тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва ҷасад ҳангоми тафтиши ба худкушӣ расондани шахс» (Душанбе, 2023).

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявии дар мавзуи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» – маърӯза дар мавзуи «Хатогиҳои хосси (типии) эксперт, сабабҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо» (Душанбе, ДМТ. – 21 апрели соли 2018);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Масоили мубрами вонамудкунонии ҷиноятӣ» (Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат» – маърӯза дар мавзуи «Ҳамкории муфаттиш ва кормандони мақомоти амаликунандаи ФОҶ дар мавриди ошкор ва тафтиши худкушии дар заминаи содир кардани одамкушӣ содиршуда» (Душанбе, МГУ. – 25 октяри соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, инчунин, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 194 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуъ асоснок шуда, мушкилоти назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои тафтишоти ба худкушӣ расондан бозгӯӣ гардидаанд, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва навгонии кор, усулҳои таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, ба тасвиб расидани натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия ба таври дақиқ баён карда шудаанд.

Боби аввал таҳқиқот **«Тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан»** номгузорӣ шуда, ду зербобро дар бар мегирад, ки дар онҳо масъалаҳои тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан ва таҳқиқи криминалистикии одамкушии ҳамчун худкушӣ вонамудкардашуда мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввали ин боб таҳти унвони **«Тавсифи криминалистикии ба худкушӣ расондан»** муаллиф қайд менамояд, ки барои тафтишоти дуруст ва босамар дар ин самт, пеш аз ҳама, бояд тавсифи криминалистикии амали номбурда муайян карда шавад.

Моҳиятан истилоҳи криминалистикии «ба худкушӣ расондан» ба он амалҳое дахл дорад, ки шахс ба таври мустақим ё ғайримустақим боиси анҷом ёфтани худкушии шахси дигар мешавад. Тавсифи чунин ҷиноят бояд ба омӯзиши ҷанбаҳои равонӣ ва кирдори ҷинояткор, таҳлили сабабҳо, пешниҳоди далелҳои муътамади таъсиргузор ба ҷабрдида, инчунин муайян намудани мақсади ҷинояткор ҳангоми расондан ба худкушӣ равона гардад. Барои муайян кардани ҳодисаи ҷиноят ва ҷамъоварии тамоми далелҳои имконпазир, бояд усулҳои ташхиси тиббии судӣ истифода шаванд.

Дар заминаи таҳқиқ муаллиф қайд мекунад, ки дар илми муосири криминалистика ҳамаи усулҳои худкуширо метавон ба 8 гурӯҳ тақсим кард: худдоркашӣ, худзаҳролудкунӣ (бо кислотаи атсетон, доруҳо, пайвастагиҳои фосфорорганикӣ ва дигар моддаҳо), афтидан аз баландӣ, осеб расонидан бо ашёҳои халандаю бурранда, осебҳо аз тирандозӣ, осеби омехта, осеби роҳи оҳан ва ғ. Интихоби тарзи худкушӣ аз омилҳои гуногун, ба монанди тиббӣ-равонӣ ва иҷтимоӣ (синну сол, ҷинс, касб, хусусияти меҳнат ва тарзи зист), инчунин, аз дастрасии ин ё он усул вобаста аст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷинояти расондан ба худкушӣ масъалаи тарзи содир намудани ин ҷиноят ҳамоно баҳсталаб боқӣ мемонад. Дар ин маврид, тарзи содир намудани ҷиноятро аз нуқтаи назари муайянкунии кирдори на ҷабрдида, балки худи ҷинояткор баррасӣ бояд кард.

Тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан дар маҷмуъ аломатҳои зеринро фаро мегирад: 1) муқаррар намудани тарзи содир шудани ҷиноят; 2) муайянсозии маҳал ва вазъияти он; 3) нишон додани вақти содир намудани ҷиноят; 4) муайян намудани шахсияти ҷабрдида (зарардида): 5) муайян кардани шахсияти ҷинояткор; 6) тасдиқи хавфнокии оқибати ҷиноят ба ҷомеа.

Ба андешаи муаллиф, дар илми муосири криминалистика фаҳмиши ягона оид ба усулҳои ба худкушӣ расондан вуҷуд надорад. Ақидаи олимон дар хусуси ягонагии усулҳои ба худкушӣ расондан дар илми ҳуқуқшиносӣ ихтилофро ба миён оварда, бо вуҷуди мувофиқати объектҳо дар фанҳои фарогири ин самт, ки онҳоро дар доираи муносибатҳо ва қонуниятҳои махсуси худ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, вобаста ба усулҳои хоси ҳамон соҳаи илм ва мавзуи таҳқиқи он, фарқият дар тавсифи ин мафҳуми илмӣ ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ, аломатҳои криминалистикии ба худкушӣ расонданро ба таври зерин метавон гурӯҳбандӣ кард:

1) таъсири манипулятсионӣ (водор кардан): таҳдид, таҳсин хондан, найранг ва дигар намудҳои манипулятсияро (водоркуниро) бо мақсади ба худкушӣ расондани ҷабрдида;

2) таъсири равонӣ: таъсир ба ҳолати руҳии ҷабрдида, аз қабили зӯроварии равонӣ, таҳқир, ҷудо кардан (канор гузоштан) ё дигар шаклҳои таъсир, ки метавонад боиси афзунгардии эҳсосоти яъсу ноумедӣ гардад;

3) барқасдона фароҳам овардани шароит: ҷинояткор метавонад шароит ё ҳолатҳои муайянеро ба вуҷуд оварад, ки ҷабрдидаро ба тасмими худкушӣ кардан оварда мерасонад, масалан, фароҳам овардани воситаҳои худкушӣ ё ба вуҷуд овардани эҳсоси ноумедӣ ва роҳи дигар надоштан.

Аксаран шахс дар он ҷое худкушӣ мекунад, ки барои ӯ ин ҷой хуб маълум аст. Муфаттиш ин масъаларо аз нишондоди шоҳидоне, ки ҷасадро ёфтаанд, инчунин, аз наздикони ҷабрдида, ки ӯро хуб мешиносанд (хешу табор, дӯстон, ҳамсояҳо, ҳамкорон) мефаҳмад. Азназаргузаронии макони худкушӣ имкон медиҳад, ки

дар бораи амалҳои эҳтимолии шахси фавтида хулосагирӣ карда шавад.

Ба масъалаи вақти содир шудани ҷиноят дар илмҳои криминалистикӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки дар адабиётҳои соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи «вақти содир шудани ҷиноят» ба таври кофӣ тавзеҳ дода нашудааст. Ба ҷанбаҳои алоҳидаи он дар доираи чунин илмҳо, аз қабили криминалистика, таваҷҷуҳи бештар дода шудааст [5, с. 267; 13, с. 408]. Вақти содир намудани худкушӣ метавонад барои тафтиши криминалистикӣ (судӣ) ниҳоят муҳим бошад.

Муайян намудани вақти ҳодисаи ба худкушӣ расондан низ, барои тафтиши криминалистикии судӣ аҳаммияти хосса дошта, ин самт дар илми криминалистика фарогири масаъалаҳои баҳсталаби зиёд буда, дар диссертатсия онҳо ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Дар тавсифи криминалистикии гурӯҳҳои гуногуни ҷиноятҳо унсури муҳим, ин маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи муаллиф, маълумот дар бораи ҷабрдида, бояд ин омилҳоро фарогир бошад: синну сол, ҷинс, вазъи иҷтимоии ӯ, хусусиятҳои ҷисмонӣ, биологӣ ва равонии шахс (тарзи зиндагӣ ва шароити он, бемориҳо, сатҳи фарҳанг, қобилияти муоширaт ва ғайра), инчунин, хусусият ва ҳаҷми зарари ба ҷабрдида расондашуда, арзишҳои маънавӣ ва динии ӯ [28, с. 156]. Чунин маълумот ба муайян сохтани ангезаи рафтори ҷиноятӣ ва муайян сохтани баъзе хусусиятҳои инфиродии ҷинояткор низ мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, шахсияти ҷинояткорро метавон бо такя ба аломатҳои зерин тавсиф дод: аломатҳои демографӣ – ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ ва дигар хусусиятҳои табиии шахсият; аломатҳои ахлоқӣ (маънавӣ) – ҷаҳонбинӣ, манфиатҳо, мақсадҳо ва арзишҳои шахсият, ки дар рафтор ва интихоби амалҳои ӯ таъсир мерасонанд; аломатҳои иҷтимоӣ – вазъи оилавӣ, муносибат бо атрофиён ва шароити маишӣ ва ғ.; аломатҳои равонӣ – хислат, эҳсосот, хислатҳои иродавӣ ва дигар хусусиятҳои равонӣ, ки ба таъсири амалҳои ҷинояткор дахл доранд. Ҳамаи ин

аломатҳо дар тавсифи инфиродии шахсияти ҷинояткор ва муносибати ӯ ба ҷабрдида инъикос меёбанд.

Ҳангоми содир шудани ҷинояте, ки ба худкушӣ оварда мерасонад, одатан дар маҳалли ҷиноят ва дар бадани ҷабрдида аломатҳои ҷиноятро метавон пайдо кард.

**Дар зербоби дуюм – «Таҳқиқоти криминалистикии одамкушии ҳамчун худкушӣ вонамудкардашуда»** зикр мегардад, ки дар амалияи судӣ-тафтишотӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят аз вонамудсозӣ истифода бурда мешавад. Амалҳое, ки ба пинҳон намудани куштор алоқаманданд, хатари махсусро доро мебошанд. Дар илми криминалистика мафҳуми вонамудкунонии худкушӣ чунин шарҳ ёфтааст – ин амали ҷинояткор барои ба таври сунъӣ эҷод кардани ҳолатҳои ғайривоқеӣ, далелҳо ва нишонаҳое мебошанд, ки ба худкушӣ хос буда, тавассути азбайнбарии далелҳо ва сохтакории далелҳои нав барои пинҳон кардани куштор роҳандозӣ карда мешавад. Дар фарҳангҳо зери мафҳуми «вонамудкунонӣ» (adaption) ҷараёни дарк кардани ҳодисаи муайяне фаҳмида мешавад, ки он вобаста ба тарзи содиршавии худ ба ҳодисаи дигаре айният дошта, дар асл онҳо ба ҳамдигар алоқамандӣ надоранд. Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми вонамудкунонӣ дар соҳаи криминалистика мо метавонем равандеро дарк намоем, ки дар ҷараёни он ҷинояткор як қатор далелҳои ғайривоқеиро ба таври сунъӣ ба миён оварда, онҳо дар якҷоягӣ вазъи умумии ҳодисаи муайянро инъикос менамоянд. Мақсади ин амали ғайриқонунӣ тасдиқи ҳолати бардурӯғи аз ҷониби ҷинояткор бамиёномада мебошад, ки дар муайян кардани сабабҳои ҷиноят, хусусият ва ҳолати ҳодисаи тафтишшаванда душворӣ пеш меоранд.

Ҷиноятҳои вонамудкардашуда дар се марҳила амалӣ мегарданд:

1) вонамудкунонии тасаввуротӣ – ташаккул додани тасаввурот дар зеҳни субъект оид ба вазъияте, ки ӯ мехоҳад бо мақсади пинҳон намудани ҷинояти содиршуда эҷод кунад;

2) татбиқи нақшаи пешакӣ тарҳрезишуда дар амал (иҷрои намоишкорона);

3) омодасозии далелҳо бо такя ба ҳолатҳое, ки аз ҷониби муфаттиш муайян карда мешаванд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои криминалистикии кушторҳое, ки ҳамчун худкушӣ вонамуд шудаанд, метавон хулосагирӣ намуд, ки дар таснифи ин навъи ҷиноят ба инобат гирифтани унсурҳои зерин муҳим ба шумор меравад:

а) усулҳои содир намудан ва пинҳон кардани ҷиноят;

б) механизми идентификатсияи пайҳо (тасаввуроти умумӣ дар бораи пайҳои ҷиноят);

в) маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор;

г) маълумот дар бораи шахсияти ҷабрдида ва робитаи ӯ бо ҷинояткор.

Чунин таснифоти тавсифии криминалистикӣ ба он гурӯҳи одамкушиҳое хос мебошанд, ки аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ва барои тафтиши онҳо муҳим арзёбӣ мешаванд.

Пинҳон кардани чунин ҷиноят, ба монанди одамкушӣ, метавонад дар шакли ҳаракатҳои вонамудкардашудаи зерин зоҳир гардад:

1) вобаста аз вонамудкунониҳои ҳодиса:

а) муҳити ба таври сунъӣ ба вуҷудомада дар ҷойи содир намудани ҷиноят тавассути таҳайюлот (маълумоти бардурӯғ);

б) муҳити ба таври сунъӣ бавуҷудомада, ки хусусияти ҷиноятӣ надошта, бо ҳодисаи дахлдор алоқаманд аст ва он метавонад ба рафтори минбаъдаи эҷодкарда таъсир расонида, инчунин, мумкин аст маълумоти бардурӯғи шахси ин муҳитро таъсисдода ба он ҳамроҳ карда шавад;

2) аз рӯйи дараҷаи душворӣ:

а) вонамудкунонии одие, ки дар ҷузъиётҳои он омилҳои муҳим сарфи назар шудаанд ва аз ин рӯ, чунин навъи ҷиноятҳо ба осонӣ ошкор карда мешаванд. Чунин ҳолат вақте рӯй медиҳад, ки куштор ногаҳон (дар ҳолати ҳаяҷон – аффект), бидуни омодагии пешакӣ содир мешавад;

б) вонамудкунониҳои мураккаб, яъне кирдор пешакӣ тарҳрезӣ шудааст. Ошкор намудани чунин кирдори ҷиноятӣ

таҷрибаи муайян ва мавҷудияти воситаҳои махсуси техникиро талаб мекунад.

Ба андешаи муаллиф, аломатҳои асосии вонамудкуниҳои худкушӣ инҳоянд:

– мавҷуд набудани курсӣ дар зери ҷасаде, ки худро дор кашидааст ва дар баробари он, пойҳояш ба фарш ва замин намерасанд;

– мавҷуд набудани осори аён дар замини зери пойҳо;

– пойафзоли тозаи шахси овехташуда (ӯ ҷӯроб дорад ё пойбараҳна аст), дар ҳоле ки замин дар зери пойи ӯ ноҳамвор ва ё носуфта мебошад;

– резиши уфуқии хун ва зардоб аз ҷисми осебдидаи ҷабрдида;

– мавҷудияти аломатҳои шубҳаовар дар банди шахси овехташуда;

– дар гардани фавтида дар баробари осори ресмон мавҷудияти изи фишори дастӣ ва осеби атрофи даҳону бинӣ;

– мавҷудияти ожангҳои (чуқуриҳои) сунъӣ дар гардани ҷабрдида (чуқуриҳои странгулятсионӣ);

– захми даст дар ҷасаде, ки таппонча дорад ва далолат медиҳад, ки тирпарронӣ аз ҷониби худи ӯ сурат гирифтааст (изи харошидан, хунравӣ, осори ҷоришавии луоби мағзи сар ва ғ.);

– ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар бадани ҷабрдида, ки аз мудофиаи худ далолат медиҳанд;

– мавҷудияти зарар бо силоҳе, ки барои худкушӣ хос нест (табар ва ғ.);

– ҷароҳатҳои дохилӣ дар фавтида аз ғарқшавӣ (ҳангоми мавҷуд будани нишондоди шахси манфиатдор дар бораи худкушӣ бо роҳи ғарқшавӣ);

– мавҷудияти гиреҳи шубҳаовар дар ресмоне, ки ҷасад дар он овезон буд;

– дар дасти гумонбар ашёҳое мавҷуданд, ки ба ресмони овехташуда осеб расондаанд;

– мавҷудияти осорҳое, ки аз берун кашидани ҷасад тавассути тиреза, даҳлез ва ё таҳхона шаҳодат медиҳанд;

– дарёфт намудани мактуби сохта аз номи шахси фавтида

дар бораи қасди худкушӣ;

– мавҷудияти далел дар бораи он, ки ҷабрдида шахси хушахлоқ буда, саломатии хуб ва дар оянда нақшаҳои зиёд дошта, ҳеҷ гоҳ нияти худкушӣ накардааст;

– бо ёрии ташхиси тиббӣ ва ё муоинаи комплексии тиббию криминалистикӣ муқаррар намудани он, ки ҷабрдида имкони мустақилона ба худ расонидани захмҳои дар баданаш дарёфтшударо надошт;

– бо муоинаи тиббӣ муқаррар намудани номувофиқатӣ байни гиреҳҳои ҳалқаи ресмон, ки ҷабрдида овехта шудааст;

– тавассути азназаргузаронии тиббӣ муқаррар намудани хусусиятҳои ожангҳо баъди марг;

– дар асоси муоинаи тиббӣ муайян кардани он, ки марг натиҷаи ҳарорати баланд нест.

Хусусияти асосии ҳолатҳои манфии дар боло зикршуда дар он ифода меёбад, ки онҳо бо шакл ва мазмуни муайянгардида ихтилофро ба миён меоранд: ҳамон як далел метавонад дар як ҳолат хусусияти манфӣ дошта бошад, аммо дар ҳолати дигар он метавонад далели тасдиққунандаи ҳолати дигар гардад.

Муаллиф аҳаммияти мавҷуд будани аломатҳои зеринро дар робита бо чунин намуди ҷинояти куштор, ба монанди ғарқшавӣ таъкид менамояд: а) дар соҳили обанбор, кӯл ё дарё мавҷуд будани осорҳои кашолакунии ҷасад, либос ва пойафзоли фавтида хобидаанд; б) мавҷуд будани захмҳо дар кафи даст, ки аз мудофиаи шахсӣ далолат медиҳанд; в) муайянсозии аломатҳои муқобилият дар ҷое, ки эҳтимолан шахс аз баландӣ ба об афтодааст; г) чуқурии дарё ё кӯл дар ҷойи нишондодашуда нисбатан кам буда, ғарқшудае, ки шиновар буд, метавонист бе ягон танқисӣ аз об барояд; ғ) ҳангоми азназаргузаронии ҷасад осебҳо, захмҳо ва изи зиёди зарбаҳо ошкор мегарданд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ дар натиҷаи ғарқшавӣ ба вуҷуд омада наметавонистанд; д) ҷароҳатҳои дарунии шахси фавтида аз ғарқшавӣ (ҳангоми мавҷуд будани нишондоди шахси манфиатдор дар бораи худкушӣ маҳз бо роҳи ғарқкунӣ).

Бояд тазаккур дод, ки аз нуктаи назари илми

криминалистика вонамудсозӣ аҳаммияти калон дорад, чунки он усули содир намудани ҷиноятро нишон медиҳад, ки мувофиқи қоидаҳои қабулгардидаи низоми тайёрӣ, содир кардан ва пинҳон кардани ҷиноят мафҳуми умумии ҷинояткориро муайян месозад.

Ҳамин тариқ, зери мафҳуми вонамудсозӣ дар илми криминалистика мо метавонем равандеро дарк намоем, ки дар он ҷинояткор ба таври сунъӣ кӯшиш мекунад далелҳои бардурӯғ эҷод намояд, ки дар маҷмуъ вазъи умумиии ягон ҳодисаро муайян мекунанд. Ҳадафи ин амали ғайриқонунӣ тасдиқи амали сохтакоронаи ҷинояткор мебошад, ки барои муайянсозии сабабҳо, хусусиятҳо ва муҳити ҳодисаи мавриди таҳқиқ монеаи ҷиддӣ ба миён меорад.

Моҳияти вонамудсозиро дар ҷиноятҳо ҳамеша аломатҳои бо роҳи сунъӣ сохташуда ташкил медиҳанд. Шахс ҳангоми сохтани вонамудсозӣ ҷойи ҳодисаро чунин тағйир медиҳад, ки унсурҳои асосии ҳодиса диққати муфаттишро ба худ ҷалб намуда, дар ҳамин асос ӯ ба воқеияти чунин шакл гирифтани вазъият бовар менамояд.

**Дар боби дуюм – «Хусусиятҳои тафтиши ба худкушӣ расондан»** масоили хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ, инчунин, хусусиятҳои тактикии пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагоне, ки дар натиҷаи ҳодисаи худкушӣ зинда мондаанд, баррасӣ мешаванд.

**Дар зербоби аввал – «Хусусиятҳои тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бо аломатҳои худкушӣ»** муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки азназаргузаронии ҷойи ҳодиса яке аз амалҳои асосии тафтишотӣ дар раванди санҷиши хабар оид ба ҷиноят мебошад. Дар мавриди пайдо кардани ҷасади ҷабрдидаи худкушӣ, муфаттиш бояд фарзияҳои асосиро пешниҳод намояд: ба худкушӣ расондан; аз беэҳтиётӣ ба марг расондан; куштор.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса яке аз амалҳои асосии тафтишотӣ дар раванди санҷиши маълумот дар бораи ҷиноят мебошад. Дар ҳолати пайдо шудани ҷасад раванди тафтишот мураккаб мегардад, ки барои дарёфти воқеият муфаттиш бояд диққати худро ба фарзияҳои асосӣ равона намояд: куштор (дар

шакли одӣ ё касбӣ) ё ба худкушӣ расондан, аз беэҳтиётӣ ба марг расондан.

Ин ҳолат дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор дошт. Муаллиф бо дарназардошти усул ва роҳҳои тафтишотӣ намудҳои зеринро муайян мекунад:

– азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;

– азназаргузаронии берунаи ҷасад дар ҷойи ҳодиса;

– азназаргузаронии объектҳо;

– азназаргузаронии санадҳои пайдошуда;

– азназаргузаронии ҳайвонот дар ҷойи ҳодиса;

– азназаргузарониии майдонҳо ва биноҳое, ки ҷойи ҳодиса ба ҳисоб намераванд.

Намуди махсуси азназаргузаронӣ шаҳодаткунӣ, яъне азназаргузаронии шахс мебошад.

Бо дарназардошти алоқамандии пайҳои ҷиноят бо олоте, ки сababи марг шудааст, ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса вобаста аз намуди куштор диққат ба ашёҳои зерин равона карда мешавад: ресмон, силоҳи оташфишон, ашёи халандаю буранда ва ғайра. Баъзан шахси масъул тартиби тафтишотро вайрон намуда, баъзе қоидаҳоро нодида мегирад: диққати асосиро ба изҳои камнамоён равона месозад.

Вале шояд чунин бошад, ки он изҳо дар назари аввал камаҳаммият намоянд. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба андешаи муаллиф масъалаҳои зерин бояд таҳқиқ карда шаванд:

1. Оё марг дар натиҷаи худкушӣ рух дода буд? Чӣ сабаби ин кирдор шуд?

2. Қурбонии ин ҷиноят кист, ӯ ба чӣ кор машғул буд?

3. Худкушӣ кай содир шудааст ва дар ин вақт гумонбари ба худкушӣ расондан дар ҷойи ҳодиса қарор дошт?

4. Худкушӣ дар куҷо содир шудааст?

5. Усули худкушӣ чӣ гуна аст ва ҷабрдида аз кадом асбоб (олот) истифода бурдааст?

6. Кӣ сабаби ба худкушӣ расондан гардидааст, чанд нафар дар содир кардани он иштирок кардаанд?

7. Ҷабрдида ба ҷойи ҳодиса чӣ гуна расид?

8. Дар ҷойи ҳодиса ва бадани ҷабрдида чӣ гуна изҳоро метавон пайдо кард? Кадоме аз ин изҳо метавонанд зуд аз байн раванд?

Худкушӣ тавассути ба дор овехтан дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳодисаи маъмулӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин навъи худкушӣ ҷасадро аввал овезон аз назар гузаронида, баъдан аз дор озод карда мешавад. Барои дарки воқеият ба гиреҳи ҳалқаи дор диққати махсус медиҳанд, ки он аз амали ҷабрдида ё қотил далолат медиҳад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад ба ҳолати он, бо баландии овезоншавӣ, ранг ва хусусиятҳои дигари бадан диққат дода мешавад. Ҳамин тариқ, мавҷудияти якчанд изи ресмон дар бадан аз худкушии сохтакорона далолат медиҳад. Ҳолати ҷасад ҳангоми ба дор овехтан метавонад гуногун бошад: вай метавонад бо нӯги пойҳояш ба замин расад, рӯйи замин истода бошад, ҳолатҳои бо зону рост истодан, нишастан ва ҳатто хобидан ба қайд гирифта мешавад, аз ин рӯ, дар бораи сабабҳои марг пешакӣ наметавон хулоса баровард.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди худкушӣ бо истифодаи силоҳи оташфишон, пеш аз ҳама, чунин саволи хеле муҳим ба миён меояд: оё ҷабрдида метавонист худро бо силоҳ парронад? Барои посух додан ба ин савол, бояд ба изҳое диққат намуд, ки онҳо метавонанд дар бораи самти тир, масофаи тирпарронӣ ва ғайра далолат диҳанд. Дар сурати мавҷуд набудани чунин изҳо (ва ё мавҷуд будан), онро бояд дар ҳуҷҷати тафтишӣ қайд намуд.

Ҷасадро аз назар гузаронида, муфаттиш ё коршинос бояд чунин ҳолатҳоро қайд намояд: 1) ҷойи дақиқи осеб (зарар) аз тир дар либос ва бадан; 2) изҳое, ки шаҳодати аз масофаи наздик парронида шудаанд; 3) дар дастони ҷабрдида мавҷуд будан ё набудани изҳои истифодаи силоҳи оташфишон (осори харошиданҳо дар байни ангуштони ишоратӣ ва калон, ки баъзан ҳангоми тирандозӣ аз баъзе таппончаҳои автоматӣ пайдо мешаванд). Дар ҷойи ҳодиса бӯйи дуд сабт шуданаш мумкин, қисмҳои пӯст, устухонҳо, осори хун ва ғайраро метавон мушоҳида намуд. Ҳолатҳое шуданаш мумкин аст, ки бевосита дар ҷойи

ҳодиса аз дастони фавтида ягон изи аёнро мушоҳида нанамоем, вале онҳоро дар мурдахона бо усулҳои махсус ошкор кардан мумкин аст.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷасад дар протокол маълумотҳои зерин дарҷ карда мешаванд: 1) мавҷуд будан ё набудани даридаҳои рӯякӣ дар либос ё пӯст; 2) мавҷуд будани изҳои хун дар дастони ҷабрдида; 3) ҷойгиршавии дақиқи захмҳо ва доғҳои хун дар бадан ва либос. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки расонидани ҷароҳат бо силоҳи бурандаи сард на ҳама вақт ба марги зуд оварда мерасонад. Ин метавонад баъдтар ба миён ояд, бинобар ин, бояд дар назар дошт, ки ҷабрдида метавонист ҳаракат намояд ё муқобилият нишон диҳад. Пас, дар ашёҳои атроф мумкин аст изҳои гуногун гузошта шуда бошад – ҳам аз фавтида, ҳам аз ҷинояткор. Онҳоро низ, бояд ҳатман дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса қайд намуд.

**Дар зербоби дуюм – «Хусусиятҳои тактикии пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагони зиндамондаи ҳодисаи худкушӣ»** муаллиф мафҳуми пурсишро дида баромада, зикр мекунад, ки пурсиш як амали тафтишотиест, ки дар ҷараёни он маълумот дар бораи ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ ба даст оварда мешавад ё нишондод аз субъекти бевосита оид ба далелҳои воқеӣ ҳамчун маводи исботнамояндаи воқеият гирифта мешавад. Дар ин ҳолат мафҳумҳои дигар низ истифода мешаванд, ки ҷанбаҳои дигари ин амали тафтишотиро равшан месозанд. Ба андешаи муаллиф, мафҳуми дар боло овардашудаи пурсиш аз нигоҳи илмӣ нисбатан мукаммал аст, аммо он ҳамоно ба тавзеҳи иловагӣ ниёз дорад.

Пурсиши шоҳидон ва ҷабрдидагон дар ҳолатҳои худкушӣ дар муайянсозии ҳолатҳои воқеии парванда ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Аз нигоҳи муаллиф, яке аз далелҳои асосӣ дар ошкорсозии ҷиноят нишондоди шоҳидон ба ҳисоб меравад. Онҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ҳамчун омили муҳим ва бунёдӣ дар пешбурди тафтишоти дуруст хизмат мекунанд. Ин раванди ҳуқуқӣ вобаста ба такмили роҳҳои нави тафтишотӣ ташаккул ёфта, танҳо тавассути омӯзиши объективии далелҳо ба адолати судӣ метавон даст ёфт.

Ҳамин тавр, амали мақсаднок ҳангоми пурсиш на танҳо аз ҷониби муфаттиш, балки аз ҷониби дигар иштирокчиёни амали тафтишотӣ низ анҷом дода мешавад, масалан, ҳимоятгар, ки дар мавриди бо дархости ӯ гузаронидани пурсиш дар он ширкат меварзад. Агар ҳадаф тасдиқи амали тафтишотӣ бошад, он на танҳо аз ҷониби муфаттиш, балки аз ҷониби шахсе, ки мавриди пурсиш қарор мегирад, инчунин дигар иштирокчиёни раванди пурсиш низ иҷро карда мешавад. Тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ шахси мавриди пурсиш қарордошта тасдиқ менамояд, ки нишондодҳо дуруст ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳангоми пурсиши шоҳидон ва хешовандони наздики онҳо бояд маълум кард, ки ҳолати руҳии онҳо ва эҳтимолияти манфиатдор будани онҳо аз натиҷаи парванда метавонад ба ҷараёни тафтишот таъсир расонад. Ҳамчунин, маълумоти бадастомада дар бораи рафтор ва муносибатҳои байни калонсолон ва кӯдакон дар оила, иттилоот оид ба эҳтимолияти содиршавии кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби калонсолон нисбат ба кӯдакон, ки аз ҳамсоягон, шиносон ва ҳамкорон ба даст оварда шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд.

Дар ҳолати пас аз кӯшиши худкушӣ зинда мондани ҷабрдида, бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ кард, ки ӯ дар ҳолати вазнинии руҳӣ ва ҷисмонӣ қарор дорад. Сабаби ин амали худкушӣ метавонад зӯроварии равонӣ ва ҷисмонӣ нисбат ба шахс бошад, ки дар натиҷа ба ӯ осеби ҷиддии руҳӣ расидааст. Санҷиши тиббии шахсе, ки кӯшиши худкуширо тавассути ба дор овехтани худ кардааст, нишон медиҳад, ки дар ин ҳолат гардиши хун дар мағзи сар вайрон шуда, чунин ҳолат ба фаъолияти мағзи сар таъсири манфӣ мерасонад. Ҷабрдида дар ҳолати равонии носолим ва бемории руҳӣ қарор дошта, эҳсосоти ӯ дар ин маврид ногаҳон коста мегардад. Аз ин рӯ, пурсиши чунин шахс бояд эҳтиёткорона анҷом дода шавад ва раванди пурраи пурсиши ҷабрдида, шоҳидон ва ҳамаи шахсони ҷалбшуда, бояд тавассути воситаҳои аудио ва видео сабт карда шаванд. Дар протоколи пурсиши шахсе, ки кӯшиши худкушӣ

кардааст, ҳатман табиб имзо мегузорад, то ба ин восита иштироки худро дар пурсиш тасдиқ намояд.

Дар ҳама ҳолат принсипи асосии пурсиш дар он ифода меёбад, ки ҷабрдида бояд бо дарки воқеият ва фаҳмиши рӯйдод мавриди пурсиш қарор гирад.

Ба пурсиши шоҳидон ҳангоми кор ба парвандаҳои марбут ба худкушӣ, муфаттиш бояд ба таври ҷиддӣ омодагӣ бинад. Дар ин ҳолат, чунин ҷанбаҳои муҳимми раванди мазкур бояд ба инобат гирифта шаванд:

1) таҳлили ҳамаҷонибаи маводи парванда, ки дар раванди пурсиш ҷамъоварӣ шудаанд;

2) дақиқ дарк намудани мақсад, предмет ва вазифаҳои пурсиш;

3) риоя намудани тартиби пурсиш: муайян кардани вақт ва ҷойи пурсиш, тарзи даъват кардани шоҳидон ва навбати онҳо;

4) омӯзиши шахсияти шоҳид бо мақсади гирифтани маълумоти зарурӣ аз ӯ;

5) омодагӣ ба пешниҳод кардани далелҳои шайъӣ ва дигар далелҳо, ки дар рафти пурсиш метавонанд истифода шаванд;

6) даъвати мутахассисони зарурӣ, ки ҳузури онҳо дар ҷараёни пурсиш тибқи қонун ҳатмӣ мебошад (масалан, ҳузури равоншинос ҳангоми пурсиши шоҳидони ноболиғ);

7) маслиҳат аз мутахассисон (дар ҳолати зарурӣ), ки дар раванди тафтиши парванда мумкин аст, ҷалб карда шаванд;

8) истифодаи воситаҳои техникӣ (сабти пурсиш тавассути асбобҳои сабти овоз ё видео);

9) ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор барои истифодаи маълумоти оперативӣ, агар ин зарурат бошад;

10) интихоби усулҳои самараноки таъсирбахш барои шоҳидони алоҳида.

Бо мақсади кам кардани фишори равонӣ ба шоҳидон ва ҷабрдидагон, пурсиш метавонад дар якчанд марҳила анҷом дода шавад. Чунин амал, инчунин ба муайянсозии пайдарпайии дақиқтари рӯйдодҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, дар марҳилаи аввал – пурсиши ибтидоӣ, саволҳои умумӣ дода мешаванд: чӣ гуна шоҳидон ё ҷабрдида дар бораи ҳодиса огоҳ шуданд, он лаҳза чӣ эҳсос доштанд; дар марҳилаи дуюм, муфаттиш ба саволҳои иловагӣ мегузарад, ки ба ҷузъиёти ҳодиса алоқамандӣ доранд: пеш аз ҳодиса бевосита чӣ рӯй дод, кадом нишонаҳо эҳтимоли худкуширо нишон медоданд. Ба ин саволҳо шоҳидон метавонанд муфассалтар ҷавоб диҳанд, зеро дар ин марҳила ҳолати равонии онҳо то андозае муътадил мегардад; дар марҳилаи сеюм – пурсиши хотимавӣ, одатан саволҳое дода мешаванд, ки ба воситаи онҳо муфаттиш ягон ҷузъиёти воқеаро дақиқ менамояд. Ҳамчунин, дар ин марҳила метавонанд саволҳои нав ба миён оянд, ки дар ҷараёни тафтишот пайдо шудаанд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи рафтори ғайризабонии шоҳидон ва ҷабрдидагон яке аз ҷанбаҳои хеле муҳимми пурсиш ба ҳисоб меравад. Дар мавриди худкушӣ ҳолати руҳии иштирокчиён аксар вақт на танҳо дар сухан, балки дар рафтори берунаи онҳо низ зоҳир мегардад – дар ишораҳо, тарҳи рӯй, изтироб ва ё баръакс, заифӣ ва вокунишҳои дигар ба рӯйдодҳо.

Таҳлили дурусти аломатҳои ғайризабонӣ ба муфаттиш имкон медиҳанд дарк намояд, ки шахс воқеаро чӣ гуна қабул мекунад, ҳатто агар ӯ натавонад эҳсосоти худро бо сухан баён намояд.

**Дар боби сеюм – «Асосҳои криминалистикии таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ-криминалистикӣ дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан»** муаллиф дар бораи то кадом андоза муҳим будани доштани донишҳои махсус ва истифодаи онҳо дар рафти тафтиши ба худкушӣ расонидан, инчунин, тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизҳои судӣ-тиббиро ҳангоми тафтиши худкушӣ таҳлил кардааст.

**Дар зербоби аввал – «Аҳаммияти таъин ва истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтиши ба худкушӣ расондан»** қайд карда мешавад, ки экспертизаи судӣ-криминалистикӣ яке аз самтҳои муҳимми илми криминалистика ба ҳисоб меравад. Ин навъи экспертиза аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи

ҳуқуқ бештар гузаронида шуда, ҳар сол миқдори он афзоиш меёбад. Экспертизаи судӣ-криминалистикӣ яке аз роҳҳои асосии мубориза бо ҷинояткорӣ, пойдории қонунгузорӣ ва тартиботи ҷомеа мебошад. Такмили он имконият медиҳад, ки бо истифода аз дастовардҳои нави тиб, илм ва техника воқеияти аслии ҷиноятҳо ошкор гарданд. Ҳама сола дар муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ-тиббӣ зиёда аз ду миллион экспертизаи судӣ гузаронида мешавад. Экспертизаи судӣ таҳқиқоти илмӣ-амалӣ мебошад, ки дар асоси қарори судя, прокурор ва муфаттиш аз ҷониби коршинос гузаронида мешавад.

Ба ақидаи муаллиф, экспертизаи судӣ бо дарназардошти вазифаҳои асосии он дар раванди тафтиш нақши муҳимро дорост. Мувофиқан, ин ҷо саволи фаъолияти муассисаҳои дахлдор ба миён меояд: аввало, барои муайян кардани кадом навъи экспертиза ба муассисаҳои дахлдори экспертизаи судӣ бояд муроҷиат намуд, то онҳо дар муайян намудани навъи экспертиза кумак кунанд;

дуюм, аҳаммияти хулосаҳои коршинос талаб мекунад, ки назария ва методологияи таҳқиқоти экспертӣ таҳия карда шавад;

сеюм, фаъолияти амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мутахассисони дорои дараҷаи баланди касбияти экспертӣ ниёз бештар дорад.

Тайёр кардани чунин мутахассисон яке аз масъалаҳои муҳимми муассисаҳои экспертизаи судӣ мебошад.

Дилхоҳ амалиёти тафтишотӣ омодагии пурра, риояи тартиботи муайянро тақозо менамояд.

Дар мавриди экспертизае, ки дар раванди тафтиши ба худкушӣ расоидан гузаронида мешавад, қарори гузаронидани он аз ҷониби муассисаи экспертӣ ё шахси масъул қабул карда мешавад. Ин марҳилаи аввал мебошад.

Марҳилаи дуюм ин гузаронидани худи экспертиза мебошад.

Усулҳои таҳқиқро интихоб намуда, коршинос бояд бо қоидаҳои гузаронидани амалҳои тафтишӣ, як қатор талаботи умумиро риоя кунад. Ҳамзамон, ӯ бояд ба методологияи илман асосноки таҳлил такя кунад. Муаллиф махсус қайд менамояд, ки дар чунин ҳолат коршинос наметавонад ва набояд мустақилона мавод барои таҳқиқ ва омӯзиши худ ҷамъоварӣ намояд, балки ӯ танҳо дар ҳайати гурӯҳи тафтишотӣ ширкат меварзад.

Муфаттиш ва дигар иштирокчиёни мурофиа, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ иштирок менамоянд, наметавонанд ба рафти тафтиш халал расонанд. Ҳамчунин, диққат ба он равона мегардад, ки шахсе, ки нисбати ӯ экспертизаи судии тиббӣ таъин гардидааст, наметавонад бо дигар иштирокчиён – шоҳидони ҷиноят дар тамос бошад.

Баъди таҳқиқи маводҳо коршинос маълумоти хаттӣ оиди натиҷаи онҳо медиҳад. Баҳодиҳии далелҳои шайъӣ муайян кардани аҳаммият ва эътимоднокии онро дар бар мегирад, илова бар ин, чунин далелҳо бояд бо риояи тамоми қоидаҳое, ки дар диссертатсия пурра зикр гардида, асоснок карда шудаанд, мусодира карда мешавад.

Дар марҳилаи сеюм, хулосаи коршинос тартиб дода мешавад, ки он мазмуни экспертизаро ифода намуда, дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешавад. Хулоса аз бахшҳои муқаддимавӣ, таҳқиқотӣ ва хотимавӣ (хулосавӣ) иборат аст. Ҳолатҳое низ шуданаш мумкин аст, ки коршинос аз додани хулоса даст кашида, дар маълумотномаи хаттии худ, оиди ғайриимкон будани пешниҳоди хулоса хабар диҳад. Сабаби чунин ҳолат метавонад нокифоя будани мавод барои гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ ё надоштани салоҳияти дахлдор бошад. Дар ҳолати аввал коршинос ҳуқуқ дорад бо дархости пешниҳоди маводи иловагӣ ба муфаттиш муроҷиат намояд; дар ҳолати дуюм коршинос метавонад барои кӯмак ба дигар коршиносон муроҷиат намояд.

Марҳилаи ниҳоии гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббии далелҳои шайъӣ, аз ҷумла алоқаманд бо ҳодисаи ба худкушӣ расондан, тарафҳо аз натиҷаҳои тафтишот огоҳ карда

мешаванд: бо хулосаи коршинос, натиҷаи экспертиза ва пурсиш шинос мешаванд. Шинос шудан бо натиҷаҳои экспертиза дар шакли расмӣ сурат мегирад, ки он аз ҷониби мақом ё шахси пешбарандаи парванда амалӣ карда мешавад. Худи коршинос ҳақ надорад, ба истисноии мақомот ё шахсе, ки ӯро таъин кардааст, дар бораи натиҷаи экспертизаи судии тиббӣ ба касе хабар диҳад. Хулосаи коршинос метавонад қатъӣ ва эҳтимолӣ бошад. Хулосаҳои эҳтимолӣ аксар вақт иттилоотеро дар бар мегирад, ки фарзияҳои нави криминалистикиро дар бораи парвандаи тафтишшаванда ба вуҷуд меорад [6, с. 55]. Дар охири хулоса коршинос андешаҳоеро баён мекунад, ки дар асл ҷавоб ба саволҳои дар назди ӯ гузошташуда мебошанд.

Марҳилаҳои гузаронидани экспертизаи судӣ яке аз марҳилаҳои муҳимми раванди тафтиши амалҳои ба худкушӣ расондан ба шумор меравад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо бояд бо риояи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода шаванд ва онҳо танҳо аз ҷониби мутахассисони соҳибтаҷриба амалӣ гарданд. Натиҷаи тафтишот бевосита ба натиҷаи экспертизаи судӣ вобастагӣ дорад.

**Дар зербоби дуюм – «Тактикаи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббӣ дар мавриди тафтиши худкушӣ»** муаллиф ба он диққати худро равона месозад, ки самаранокии тафтиши ҳолатҳои ба худкушӣ расондан, дар бештари ҳолатҳо аз сатҳи донишу малакаи муфаттиш ва мутахассисони соҳаи экспертизаи судӣ-тиббӣ, хусусан дар самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, тиббӣ, ҷамъиятшиносӣ, инчунин ҳангоми истифодаи воситаҳои техникии муосир ва усулҳои самарабахши ошкорсозии ҷиноятҳои мазкур, ба монанди ба худкушӣ расондан вобастагӣ дорад.

Муваффақият дар ошкор кардан ва тафтиши ин гуна ҷиноятҳо дар шароити имрӯза бештар аз истифодаи донишҳои табиӣ, техникӣ ва дигар донишҳои махсус вобастагии зиёд дорад. Ин мафҳум, одатан ба он донишҳое дахл дорад, ки дар раванди омӯзиши маълумоти махсус ва ё истифодаи он дар амалия дар самтҳои гуногун ба даст оварда шудаанд. Усулҳои

истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҳолатҳои ба худкушӣ расондан метавонанд гуногун бошанд. Яке аз шаклҳои истифодаи чунин донишҳо, ин ҷалби мутахассис ё коршинос дар ҷараёни амалиёти тафтишотӣ мебошад.

Ба андешаи муаллиф, донишҳои асосӣ оид ба такмилёбии ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои экспертизаи судӣ-тиббӣ ҳанӯз дар раванди таҳсил дар муассисаҳои олии таълимӣ ба даст оварда мешаванд ва баъдан ин донишҳо дар ҷараёни фаъолияти амалӣ такмил ва таҳким меёбанд.

Бояд қайд кард, ки меъёри ҷалби мутахассисон ба раванди тафтишот ва суд дар моддаи 179 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Маҳз мутахассисон, яъне кормандони соҳибтаҷриба ба ошкорсозии ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла ҷиноятҳои мураккаб, ба монанди ба худкушӣ расондан бештар саҳм мегузоранд.

Бо дарназардошти ин, вазифаҳои асосии экспертизаи судӣ дар он зоҳир меёбанд, ки дар ин раванд объектҳо ва маводи таҳқиқ (ҷабрдида, ҷинояткор, шахсони дигар ва далелҳои шайъӣ) тасниф карда мешаванд, инчунин механизми содиршавии ҳодиса (вақт, усул, пайдарпайии амалҳо ва робитаи сабабӣ-тафтишии байни онҳо) муайян мегардад. Ҳангоми иҷрои ин вазифаҳо коршиносон метавонанд чораҳои пешгирикунандаро низ пешниҳод намоянд, ки онҳо ба бартарафсозии сабабҳое равона шудаанд, ки ба таври мустақим ё ғайримустақим ба содиршавии ҷиноят мусоидат мекунанд.

Ҳангоми тафтиши ҳолатҳои ба худкушӣ расондан, ба андешаи муаллиф, якчанд навъи экспертиза таъин карда мешаванд, ки дар диссертатсия маҳз аз нигоҳи тафтиши ҷинояти ба худкушӣ расондан асоснок карда шудааст: экспертизаҳои хатшиносӣ, муаллифшиносӣ, судӣ-тиббӣ, судӣ-психологӣ ва ғайра.

Экспертизаи судӣ-тиббӣ дар муайян кардани аломатҳои зерини худкушӣ асос мегарданд: 1) марги ногаҳонӣ (зуд, тез фароарасанда). Марги шадиди асфиксиалӣ – ин маргест, ки дар

нарасидани оксиген ба бадан ба амал меояд, ки он боиси нафастангӣ мегардад. Ин раванд аз сабаби баста шудани роҳи нафас зуд анҷом меёбад. Чунин ҳолат таҳқиқи фаврии тиббиро талаб мекунад; 2) мавҷудияти ожангҳои чуқур (ҷойгиршавии захмҳо, кушодагӣ, чуқурии нобаробар).

Ҳангоми муоинаи берунии ҷасад ва ожангҳои странгулятсионӣ ин аломатҳоро метавон мушоҳида кард: нишонаҳои гематома дар луобпардаҳои пӯсти чашм; анизокория (фишори сахти гардан боиси тангшавии гавҳараки чашм мешавад, ки он ба заъфи торҳои асаб низ алоқаманд аст); қарор гирифтани нӯги забон миёни дандонҳо; хунравӣ аз бинӣ; хунравӣ аз захмҳои кушода; хунравӣ аз луобпардаи даҳон.

Ҳангоми муоинаи дарунии ҷасад ин аломатҳоро метавон мушоҳида кард: хунравӣ дар мушакҳои гардан, инчунин, дар осебҳои берунии бадан; хунравӣ дар мушакҳои қафаси сина (аломати Мюссе); хунравӣ дар мушакҳои қафаси сина ва китф (дар давраи рагкашӣ); шикастани устухонҳо, хунравӣ дар ҳалқ; зарарҳо (сӯрохшавии) дар рагҳои мағзи сар (аломати Амюсс ва Мартин); хунравӣ дар пайвандиҳои сутунмуҳраҳо (аломати Саймон); варамӣ ва хунравии дохилӣ дар пилкҳои чашм.

Ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббии ҷасади шахсоне, ки худро ба дор овехтаанд, ба омилҳои зерин бояд диққат дода шавад:

а) зараре, ки пеш аз овехта шудан аз ҷониби шахси бегона ё бо дасти худ расонида шудааст: хунравии дохилӣ, харошиданҳо, шикастанҳо, осори буридан ва ҷароҳатҳои дигар. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки ҳамаи ин ҷароҳатҳо метавонанд аз садамаҳо, афтидан, зарб гирифтан ва ғайра ба амал оянд;

б) зараре, ки дар натиҷаи асфиксия ба вуҷуд омада, ба ҳолати умумии инсон таъсир мерасонанд: гипоксия (норасоии оксиген), ишемия (норасоии гардиши хун), тағйирёбӣ дар узвҳо ва бофтаҳо аз норасоии оксиген (баландшавии фишори майнаи сар ва дигар узвҳо).

в) зараре, ки пас аз марг ба вуҷуд омадааст (ҳангоми аз ҳалқаи дор гирифтани ҷасад, кӯшиши эҳё кардан, интиқол додани ҷасад ва ғ.). Онҳо метавонанд осори ҳалқа дар гардан, латхӯрӣ, печутобхӯрӣ, ҳангоми интиқоли ҷасад ба ҷойи дигар пайдо шуда бошанд.

Муаллиф бо мавод ва мисолҳои фаровон собит месозад, ки экспертизаи судӣ-психологӣ дар тафтиши ҳодисаи худкушӣ низоми мураккабро дорост. Дар бисёре аз ҳодисаҳои худкушӣ шахси қасди худкушидошта аз худ мактуб намегузорад (ва ё он гум мешавад), ки ин омил метавонист вазъро равшан кунад, дар ин раванд шоҳидон низ нестанд ва ғайра. Дар натиҷа, муайян кардани далели ҷиноят ва гунаҳкор хеле душвор мегардад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои дар боло зикргардида, муаллиф дар миёни коршиносони экспертизаи судӣ-тиббӣ барои фаҳмидани он ки оё онҳо дар кори худ усулҳои муосири ошкор карданро дар амали худкушӣ истифода мебаранд, пурсиш гузаронд.

Аз ҷумла, масъалаи истифодаи таҳлили иммуногистохимиявӣ аз ҷониби коршиносон барои муайян кардани ҳолати депрессия дар шахсоне, ки кӯшиши худкушӣ кардаанд, пурсида шуд. Тавре маълум мегардад, усулҳои иммуногистохимиявӣ аз ҷониби коршиносон ба таври маъмул истифода намегарданд ва таҳқиқоти олимони ин соҳа аз ҷониби онҳо то андозае сарфи назар карда мешаванд. Ҳоло дар амалияи судӣ-тиббӣ бештар он усулҳои таҳлил истифода мешаванд, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор тасдиқ гардидаанд.

## ХУЛОСА

Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои мансуб ба тафтиши ба худкушӣ расондан муаллиф ба хулосаҳои зерин омад:

1. Тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан чунин аломатҳои такроршавандаи муҳимро дар бар мегирад: 1) усули содир кардани ҷиноят; 2) макон ва вазъият; 3) вақти содиршавии ҷиноят; 4) шахсияти ҷабрдида (зарардида); 5) шахсияти ҷинояткор; 6) осори хоси ҷиноят [1-А].

2. Яке аз маъмултарин психотипҳое, ки ба худкушӣ майл доранд – инҳо психотипи истероидӣ (ҷалбкунандаи диққат) ва ё психотипи намоишкорона ба ҳисоб меравад. Ба психотипи мазкур худбаҳодиҳии зиддиятнок (ҷанҷолӣ ё мунокишаҷӯёна) хос мебошад. Шахси дорои психотипи мазкур дорои хислати худпарастӣ ва талоши таъкид кардани аҳаммиятнокии худ дар назари дигарон мебошад [12-М].

3. Шахсони дорои психотипи эпилептоидӣ низ ба худкушӣ майл доранд. Ба эпилептоидҳо ҷамъшавии ниҳонии эҳсосоти манфӣ хос буда, ин хусусият ба таври ногаҳон дар муҳити беруна бо рафтори барои ин шахс ғайричашмдоште, ки бо доштани хусусияти зиддиҷамъиятӣ тавсиф мешавад, зоҳир мегардад.

4. Қасди худкуш кардани шахсони типи параноидӣ аз дигар гурӯҳҳо бо он фарқ мекунад, ки ҳангоми аз байн рафтани ғояҳои худ ин тоифа бо усулҳои гуногун даст ба худкушӣ мезананд.

5. Дар байни ҳолатҳои манфӣ ҳангоми худкушиҳои вонамудкунанда чунин омилҳоро ҷудо намудан мумкин:

- тағйироти муҳит дар ҷойи ҷиноят;
- мавҷудияти аломатҳои муқовимат, аз ҷумла нишонаҳои худмуҳофизатӣ дар бадани ҷабрдида;
- аломатҳои иваз намудани макони ҷасад дар ҷойи ҳодиса (марг);
- номувофиқатӣ дар мавқеи ҷароҳатҳои бадани ҷасад ва ҳолати он;
- хусусияти ҷароҳатҳои бадан аз усул ва ҳолатҳои худкушӣ, ки дар нишондоди хешовандони фавтида омадааст, гувоҳӣ намедиҳад;
- номувофиқатӣ дар вақти марги фавтида, ки ҳангоми муоинаи (кушодани) ҷасад ошкор шудаанд [11-А].

6. Такмили тактикаи азназаргузаронии ҷойи худкушӣ муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, яъне бо назардошти усулҳои техникӣ ва психологии тафтишот. Дар ин маврид, зарурати таҳия ва татбиқи тавсияҳои ягонаи методӣ оид ба

баррасии ҳолатҳои худкушӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ин категорияи ҷиноятҳо пеш меояд. Онҳо бояд дастурҳои дақиқро дар бораи сабти изҳо, муайян намудани сабабҳои марг ва аломатҳои эҳтимолии зӯроварӣ, агар чунин ҳолат мавҷуд бошад, дар бар гиранд [6-А].

Дар ин маврид, на танҳо вазъи ҷисмонии шахс дар ҷойи ҳодиса ба назар бояд гирифта шавад, балки ангезаҳои эҳтимолии худкушӣ низ таҳлил карда шаванд. Барои ин, бояд муносибати шахс дар шабакаҳои иҷтимоӣ, сабти ҳаррӯзаи хотирот, нишондоди шоҳидон бо мақсади муайян кардани нишонаҳои депрессия, стресс ё дигар омилҳое, ки метавонанд ба тасмими худкушӣ таъсир расонанд, таҳлили ҳамаҷониба карда шаванд.

7. Экспертизаи судӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини мурофиаи судӣ ба ҳисоб рафта, дар амалисозии ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо нақши махсус мебозад. Чунин экспертиза бо мақсади муайян намудани гунаҳкорон ва исбот намудани гуноҳи онҳо гузаронида мешавад. Суд ва муфаттиш бояд рӯйхати асосноки амалҳои тафтишотиро пешниҳод намоянд, ки дар миёни онҳо таъин намудани экспертизаи судӣ аҳаммияти муҳимми исботнамоӣ дорад [7-А].

8. Экспертизаи судии психологӣ дар парвандаҳои худкушӣ ҳангоми набудани мактуби пешазмаргӣ, инчунин, ҳангоми набудани шоҳидони ҳодиса ва маълумоти кофӣ барои муайян кардани далели ҷиноят ва шахси гунаҳкор таъин карда мешавад.

9. То оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба худкушӣ ва ё ба худкушӣ расондан коршинос бояд хулосае таҳия кунад, ки дар он зарурати оғоз кардани парванда ба таври мушаххас асоснок карда шавад. Ин хулоса баъдан дар ҷараёни худи тафтишот низ метавонад истифода бурда мешавад.

10. Дар рафти тафтишот ҳангоми таъин намудани экспертиза аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин хатогиҳо метавонанд рух диҳанд:

– коршинос нусхаи протоколи азназаргузаронии ҷойи

ҳодиса ва ҷасадро дар ихтиёр надорад;

– дар қарори таъин кардани экспертиза на ҳама саволҳои зарурии алоқаманд ба ҳодисаи худкушӣ пешниҳод гардидааст. Дар натиҷа дар рафти тафтишот экспертизаи иловагӣ таъин карда мешавад;

– дар қарор оид ба таъин намудани экспертиза маълумот дар бораи ҳолатҳои барои коршинос муҳим, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷасад дар ҷойи ҳодиса муайян карда шудаанд, оварда намешавад;

– муфаттиш ҳангоми экспертизаи ҷасад ҳузур надорад, бинобар ин, вай аз натиҷаи таҳқиқи (кушодани) ҷасад, баъдан хабардор мешавад. Дар натиҷа, агар саволҳои нав пайдо шаванд, ӯ ба онҳо дарҳол ҷавоб ёфта наметавонад, ки ин омил боиси ба таъхир афтидани тафтишот мегардад;

– ашёҳое, ки ҳангоми ташхиси ҷасад ошкор шудаанд (тирҳо, қисмҳои силоҳ, гилза, ресмон ва дигар ашёҳо) бояд дар алоҳидагӣ аз экспертизаи ҷасад омӯхта шаванд;

– на ҳамеша дар баробари ҷасад либоси он ба экспертиза пешниҳод карда мешавад;

– баъзан мавридҳо олоти эҳтимолии ҷиноят ба коршиносе, ки ҷасадро аз назар мегузаронад, пешниҳод намешавад ва аз ин сабаб муайян кардани хусусияти ҷароҳатҳои дар баданбуда, барои ӯ душвор мегардад;

– дар хулосаи экспертизаи судию тиббӣ на ҳамеша тамоми маълумотҳо, ҳамаи далелҳои шайъии аз ҷойи ҳодиса гирифташуда, инъикос меёбанд. Албатта, онҳо шояд барои гузаронидани намудҳои дигари экспертиза фиристонида шуда бошанд, ки одатан ин раванд вақти зиёдро талаб мекунад. Чунин номутаносибӣ дар амалҳои муфаттиш ва коршиносон раванди ошкор кардани ҷиноятро душвор месозад, ё ҳадди ақал онро ба таъхир меандозад.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Ҷорӣ намудани технологияҳои наворбардории 3D дар ҷойи ҳодиса ва сабти видео аз паҳлӯҳои гуногун барои дақиқтар тасвир намудани ҳолати аслии ҳодиса мувофиқат менамояд. Ин на танҳо имкони сабти ҳамаи изҳоро фароҳам меорад, балки барқарорсозии пайдарпайии мантиқии амалҳои ҷабрдидаро ба миён меорад.

2. Тактикаи пурсиш дар ҳолатҳои худкушӣ муносибати махсусро талаб мекунад, ки касбият, ҳассосият ва таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои равониро муттаҳид мекунад. Муфаттишон бояд на танҳо барои ҷамъоварӣ кардани далелҳо, балки ба эҳсосот, ҳолати ҷисмонӣ ва психологии ҷабрдидагон ва шоҳидон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намояд, то ки ба онҳо зарари иловагӣ нарасонад.

Истифодаи усулҳои махсуси равонӣ аз ҷониби муфаттиш, эҳтиром ба таҷрибаи шахсии мутахассисон, ҳамкорӣ бо равоншиносон ва коршиносон ба гузаронидани пурсишҳои боз ҳам беҳтар мусоидат намуда, ҷиҳати тафтиши дурусти ҳодисаҳои худкушӣ ва нигоҳ доштани эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муҳим аст.

3. Дар мавриди гузаронидани экспертизаи судӣ-тиббии ҷасади шахсоне, ки худро ба дор овехтаанд, ба ин омилҳо диққати махсус бояд дод:

а) зараре, ки мумкин аст пеш аз овехта шудан аз ҷониби шахси бегона ё бо дасти худи ҷабрдида расонида шудааст: хунравии дохилӣ, харошиданҳо, шикастанҳо, буридан ва ҷароҳатҳои дигар. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки чунин ҷароҳатҳо метавонанд аз садамаҳо, афтидан, зарба ва ғайра ба амал оянд;

б) ҷароҳате, ки дар натиҷаи асфиксия ба вуҷуд омада, ба ҳолати умумии инсон таъсир мерасонад: гипоксия (норасоии оксиген), ишемия (набудани гардиши хун), тағйирот дар узвҳо ва бофтаҳо аз норасоии оксиген, баланд гардидани фишори майна ва дигар узвҳо.

в) ҷароҳате, ки пас аз марг ба вуҷуд омадааст (ҳангоми аз ҳалқаи дор гирифтани ҷасад, кӯшиши эҳё кардан, интиқол додани ҷасад ва ғ.). Инҳо метавонанд изҳо аз ҳалқа дар гардан, латхӯрӣ, печутобхӯрӣ, интиқоли ҷасад ба ҷойи дигар бошанд.

4. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷозат дода шавад, ки қабл аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ташхиси судӣ-тиббии ҷасадро таъин ва гузаронанд.

То оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар асосҳо вуҷуд дошта бошанд, ки баъзе аз далелҳо барои муайян кардани ҳолатҳои ҷиноят аҳаммият доранд ва мумкин аст, ки ин далелҳо аз байн раванд ё санҷида нашаванд, таҳқиқи онҳо метавонад то оғози парвандаи ҷиноятӣ бо истифода аз дигар воситаҳо таъин карда шавад.

Экспертизаро метавон то оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин кард, агар зарурати асоснок барои омӯзиши баъзе воқеиятҳо мавҷуд бошад. Одатан, қабл аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, экспертиза дар ҳолатҳои зерин таъин мегардад:

– ҳангоми зарурати муайян кардани ҳолатҳое, ки бо мурури замон метавонанд нобуд шаванд ё тағйир ёбанд. Ин махсусан дар ҳолатҳое аҳаммияти бештар дорад, ки сухан дар бораи изи ҷиноят ё дигар далелҳое меравад, ки эҳтимоли нест шудани онҳо вуҷуд дорад;

– ҳангоми зарурати гирифтани хулосаи мутахассис барои таҳлили пешакӣ. Баъзан барои фаҳмидани он, ки оё дар ҳолати худкушӣ нишонаҳои ҷиноят вуҷуд доранд ва кадом чораҳо бояд дар оянда андешида шаванд, зарурати гузаронидани экспертиза (таҳқиқи амиқ) ба миён меояд;

– ҳангоми зарурати ҳал намудани масъалаҳое, ки бо санҷиши далелҳои шайъӣ алоқаманд мебошанд. Масалан, пеш аз оғози тафтишоти хизматӣ барои муайян кардани мавҷудияти қонуншиканӣ экспертизаҳои судӣ, баллистикӣ ва токсикологӣ таъин карда мешавад.

# ФЕҲРИСТИ
# ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Хабибова, Б.Х. Проблемаҳои муайянкунии мафҳум ва мазмуни тавсифи криминалистии худкушӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 259-266; ISSN 2414-9217.

**[2-М].** Хабибова, Б.Х. Ташкил ва гузаронидани пурсиши ҷабрдида дар ҳолатҳои ба худкушӣ расондан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 229-233; ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Ямакова, З.Д., Хабибова, Б.Х. Освидетельствование [Текст] / З.Д. Ямакова, Б.Х. Хабибова // Государствоведение и права человека. – 2021. – №2 (22). – С. 232-238; ISSN 2414-9217.

**[4-М].** Ямоқова, З.Д., Ҳабибзода, Н.Х. Хусусиятҳои тафтишоти ба худкушӣ расонидани ноболиғон бо истифода аз Интернет [Матн] / З.Д. Ямоқова, Н.Х. Ҳабибзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №2 (66). – С. 100-107; ISSN 2412-141X.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5-М].** Носирзода, М.Б., Хабибова, Б.Х. Осмотр места происшествия [Текст] / М.Б. Носирзода, Б.Х. Хабибова // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2017. – №3 (19). – С. 145-149; ISSN 2307-5198.

**[6-М].** Хабибова, Б.Х. Тактикаи азназаргузаронии тафтишӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-

солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 309-310.

**[7-М].** Ямоқова, З.Д., Хабибова, Б.Х. Хатогиҳои хосси (типии) эксперт, сабабҳо ва роҳҳои бартараф кардани онҳо [Матн] / З.Д. Ямоқова, Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят». – Душанбе, 2018. – С. 11-17.

**[8-М].** Хабибова, Б.Х. Масъалаҳои криминалистии шаҳодаткунонӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ»». – Душанбе, 2019. – С. 203-204.

**[9-М].** Хабибова, Б.Х. Вазъиятҳои маъмулии тафтишотӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти авбошӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – С. 183-184.

**[10-М].** Хабибова, Б.Х. Хусусиятҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми ба худкушӣ расонидан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода», 110-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2021. – С. 681-685.

**[11-М].** Хабибова, Б.Х. Вонамудкунонӣ (инссенировка) дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ

бахшида ба «Таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон». – Душанбе, 2022. – С. 328-338.

**[12-М].** Хабибова, Б.Х. Шахсияти ҷинояткор ҳамчун унсури тавсифи криминалистикии ҷинояти ба худкушӣ расондан [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии академики АИ ИҶШС Б. Ғафуров. – Душанбе, 2023. – С. 205-209.

**[13-М].** Хабибова, Б.Х. Масоили мубрами вонамудкунонии ҷиноятӣ [Матн] / Б.Х. Хабибова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 369-373.

**[14-М].** Хабибова, Б.Х. Понятие самоубийство [Текст] / Б.Х. Хабибова // Материалы международной научно-теоретической конференция на тему: «Теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане», посвященной празднованию дня прав человека 5-го декабря 2023 года. – Душанбе, 2023. – С. 668-674.

**[15-М].** Хабибова Б.Х. Особенности осмотра места происшествия самоубийств посредством отравлении [Текст] / Б.Х. Хабибова // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040 годы)». – Душанбе, 2024. – С. 437-441.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**На правах рукописи**

**УДК: 34таджик(575.3)+343+343.977+347**
**ББК: 67.99(2таджик)93+67.99(2)94+67.52**
**Х – 12**

**ХАБИБЗОДА НАЗИРА ХАЛИЛ**

# РАССЛЕДОВАНИЕ ДОВЕДЕНИЯ ДО САМОУБИЙСТВА

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.12 – Криминалистика; судебно-экспертной деятельности; оперативно-розыскной деятельности

**ДУШАНБЕ – 2025**

**Диссертация выполнена на кафедре криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.**

**Научный руководитель:** **Ямакова Зумрад Дададжоновна** – кандидат юридических наук, доцент, профессор кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.

**Официальные оппоненты:** **Астанов Истам Рустамович** – доктор юридических наук, профессор, начальник кафедры криминалистики и судебных экспертиза Академии защиты прав Республики Узбекистан;

**Салимов Бахромджон Азизович –** кандидат юридических наук, начальник кафедры правовых дисциплин Высщей школы ГКНБ Республики Таджикистан.

**Ведущая орагнизация:** Межгосударственное образовательное учреждение высшего образования «Российско-Таджикский (Славянский) университет» (г. Душанбе).

Защита диссертации состоится 11декабря 2025 года, в 14$^{\underline{00}}$ часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-043 при Академии МВД Республики Таджикистан (734024, г. Душанбе, ул. Мастонгулов – 3).

С диссертацией можно ознакомиться на сайте www.avkd.tj и в Центральной библиотеке Академии МВД Республики Таджикистан по адресу: 734024, г. Душанбе, ул. Мастонгулов – 3.

Автореферат разослан: «___» ____________ 2025 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**кандидат юридических наук, доцент** **Сафарзода Х.С.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Проблема самоубийства всегда привлекла внимание социологов, психологов и юристов во многих странах мира. В последнее же десятилетие интерес к ней значительно обострился, и объясняется это тем, что количество самоубийств и попыток самоубийств с каждым годом увеличивается. Причем акты самоубийств совершают люди разного пола, различных профессий, уровня образования и культуры. Можно утверждать, что самоубийство – одна из важнейших проблем современного общества, и среди причин смертности трудоспособного населения она занимает далеко не последнее место. Сохраняя тенденцию к росту, самоубийства могут осложнять не только экономическую ситуацию в стране, регионе, городе, но и поколебать моральные и духовные основы общества и государства.

Акты самоубийства и попытки их совершения, будучи крайне негативными явлениями, конечно, не могли не вызвать осуждения в обществе, тем более, что и Всеобщая декларация прав человека, и другие международные акты, и Конституция Республики Таджикистан защищают право человека на жизнь так же, как и другие его права, эволюционирующие вместе с обществом и развитием государства.

Следует отметить и тот факт, что в основных религиях мира лишение человеком себя жизни характеризуется как очень отрицательный, неприемлемый для верующего человека поступок. Тем не менее нередко человек, в силу различных обстоятельств, склоняется к самоубийству или его заставляют, побуждают сделать это другие люди, т.е. его доводят до самоубийства.

По сведениям экспертов, в 2020 г. количество самоубийств достигло 1,53 млн. человек, что эквивалентно одному случаю самоубийства каждые 20 секунд или одной попытке самоубийства каждые 1-2 секунды. В прошлом самоубийства среди молодежи совершались гораздо реже, чем среди взрослых. В последнее же время во многих странах мира

уровень самоубийств среди молодежи превысил уровень среди пожилых людей. Например, до 1950 г. 56% случаев самоубийств в мире приходилось на лиц в возрасте 45 лет и старше, а 44% – на лиц в возрасте от 15 до 44 лет. К 1995 г. доля самоубийств в мире среди людей в возрасте от 45 лет и старше сократилась до 47%, а в группе от 15 до 44 лет увеличилась до 53%. Согласно мировой статистике, самый высокий уровень самоубийств наблюдается в возрасте до 25 лет [27].

В Таджикистане соотношение женщин и мужчин, совершивших самоубийство, согласно последнему исследованию (ВОЗ, 2001), составляет 1,3:1. Согласно информации ВОЗ, уровень самоубийств в Таджикистане составляет 2,6 случая на 100 тыс. населения во всех возрастных группах. Однако этот показатель среди молодежи в возрасте от 15 до 24 лет составляет 3,3 чел. на 100 тыс. чел. Кроме того, согласно отчету по Таджикистану (2007), подготовленному в рамках глобального исследования здоровья в школах, 20,0% детей и подростков страдают от психических заболеваний, которые приводят к утрате работоспособности, включая тревожные неврозы, депрессию и другие расстройства. Данные из этого отчёта показывают, что в год, предшествующий опросу, 12,6% учащихся школ серьёзно задумывались о самоубийстве, а 12,0% даже разработали план, как это сделать [27].

В силу изложенных выше статистических данных, можно утверждать, что проблема самоубийств актуальна для всех стран мира, в том числе и для Таджикистана.

Именно поэтому автор и обратилась к ее исследованию с целью выявления основных причин, обусловливающих акт совершения самоубийства и разработки рекомендаций по их предотвращению.

**Степень изученности научной темы**. Вопросы, связанные с самоубийством, как с теоретической, так и с практической точки зрения, на протяжении многих лет привлекают внимание исследователей и сотрудников правоохранительных органов. Вопросы противодействия самоубийству в целом анализировались в научных трудах таких отечественных и

зарубежных правоведов, как Т.В. Аверьянова[1], А.Г. Амбрумова и В.А. Тихоненко [13], Е.В. Баранов и Ю.Г. Торбин [2], Е.В. Бачило, Ю.Б. Барыльник и А.А. Антонова [14], Г. Белоглазов [26], С.В. Бородин [3], В.С. Бурданова [4], Э. Дюркгейм [6], С.В. Мошкин [15], Г.Н. Мудъюгин [10], Н.А. Сафонова [25], Е.А. Соломатина, А.В. Трощанович и Л.И. Черкасова [11], А.А. Топорков [12].

Отдельные аспекты и расследования самоубийств (следственные действия, проведение судебных экспертиз и др.), были предметом научного исследования А.Н. Васильева и Л.М. Карнеевой [5], О.В. Меремяновой [24], Ю.А. Молина [9], В.В. Остробородова [17], В.А. Свешникова и Ю.С. Исаева [18], Ц.Ц. Чжу [219], В.Э. Шунка и Е.В. Гундериной [20].

Некоторые вопросы расследования преступлений рассматривались в диссертационных и монографических исследованиях отечественных учёных, а также в рамках научно-исследовательской работы, в частности, М.С. Ахмадзода [22], Ф.И. Ганиевым [23], Д.С. Кодирзода [8], А.К. Назаровым [16], З.Д. Ямаковой [21] и др.

В контексте этих исследований учёные проанализировали различные аспекты общественно опасных деяний в целом. Автор же представленный диссертации сосредоточилась на более глубоком исследовании такого преступления, как доведение до самоубийства. Здесь существует множество дискуссионных моментов, требующих научного обоснования и четкой аргументации.

**Связь исследования с программами либо научной тематикой.** Диссертационное исследование подготовлено в рамках Постановления Правительства Республики Таджикистан «О мерах по предотвращению самоубийств и покушений на собственную жизнь», «Государственной программы противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021-2030 гг.», а также плана научно-исследовательских работ кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования.** Целью научной работы является разработка теоретических основ методики расследования доведение до самоубийства, её содержания и структуры. В рамках этой методики, на основе всестороннего анализа действующего законодательства и следственной практики, автор попыталась дать криминалистическую характеристику доведение до самоубийства, соответственно стандартной модели расследования преступления.

**Задачи исследования**. Для достижения цели исследования необходимо было решить следующие задачи:

– дать криминалистическую характеристику доведения до самоубийства;

– обосновать криминалистический анализ убийства, инсценированного под самоубийство;

– исследовать тактику осмотра места происшествия с признаками самоубийства;

– рассмотреть особенности допроса в процессе расследования самоубийства;

– разработать предложения по использованию специальных знаний в процессе расследования доведение до самоубийства;

– изучить тактику назначения и проведения судебно-медицинской экспертизы по делу о расследовании самоубийства.

